МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ
АБУАЛӢ ИБНИ СИНО»

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВДР: 616-002.5-07-036-08 (575.3)

ЗИЁЗОДА ЗУБАЙДУЛЛОИ КАРОМАТУЛЛО

БАҲОДИҲИИ САМАРАНОКИИ ТАБОБАТИ ШАКЛҲОИ БА ДОРУҲО ҲАССОС ВА ТОБОВАРИ МЕНИНГИТҲОИ СИЛӢ ДАР МАРҲИЛАИ БЕМОРХОНАВӢ

Автореферати
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси
3.1.16. Фтизиатрия

Душанбе – 2026

Таҳқиқот дар пойгоҳи клиникии кафедраи фтизиопулмонологияи МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷро карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Закирова Қурбонхон** - доктори илмҳои тиббӣ, дотсент, мудири кафедраи фтизиопулмонологияи МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Муқарризони расмӣ: **Парпиева Наргиза Нусратовна** - доктори илмҳои тиббӣ, профессор, Директори Маркази ҷумҳуриявии илмӣ-амалии тиббии фтизиатрия ва пулмонология ба номи академик Ш. Алимов Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, сарфтизиатри ҷумҳурӣ, мудири кафедраи фтизиатрияи Академияи тиббии Тошканд.

Салихов Орзу Ҳайбуллоевич – номзади илмҳои тиббӣ, мудири муъбаи ҷарроҳии сили шуши МД «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина»

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии тиббии Бухоро ба номи Абу Алӣ Ибни Синои Ҷумҳурии Узбекистон

Ҳимояи диссертатсия санаи «____» _____ соли 2026 соати _____ дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-032 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» баргузор мегардад.

Суроға: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Сино, 29-31, www.tajmedun.tj: +922933440393

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____»_____ соли 2026 ирсол шуд.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, д.и.т. Усмонӣ Г. М.

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзӯи таҳқиқот. Тибқи Ҳисоботи глобалии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) аз соли 2023, Тоҷикистон яке аз 30 кишварест, ки бори гарони бемории силӣ (БС) шакли тобоварии доруҳо (ТД) дорад. Соли 2022 коэффитсенти баҳисобгирии гирифторшавии аҳолӣ ба БС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 78 ҳодисаро ба 100 ҳазор аҳолӣ, БС-ТД бошад 20 ҳодисаро ба 100 ҳазор аҳолӣ ташкил дод. Соли 2022 дар кишвар 4316 ҳолати БС ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла ҳиссаи БС бо ТД зиддисилӣ дар байни ҳодисаҳои нав 69,2% ва дар байни онҳое, ки муолиҷаи аз такрорӣ мегузаранд, 31,8% буд.

Осеби силии пардаҳои мағзӣ ва системаи марказии асаб дорои аҳаммияти баланди тиббӣ-иҷтимоӣ боқӣ мемонад, зеро ба вариантҳои вазнинтарини сили берунишушӣ тааллуқ дорад. «Сили асаб зуҳуроти вазнин ва аз ҷиҳати пешгӯйӣ номусоиди сил аст. Рақамҳои дақиқ оид ба паҳншавии воқеии патологияи мазкур номаълум мебошанд, мувофиқи маълумоти муаллифони гуногун, аз 0,5% то 10%-и ҳолатҳо ба осеб дидани системаи марказии асаб (СМА) ҳангоми сил рост меоянд» [77, с. 76]. Зимни таҳқиқоти И.Ю. Бабаева ва ҳаммуаллифон таъкид гардидааст, ки «сили пардаҳои мағзӣ ва системаи марказии асаб (СМА) яке аз шаклҳои вазнинтарини сили берунишушӣ мебошад, зеро ҷараёни номусоиди клиникӣ, басомади баланди оризаҳои неврологӣ ва оқибатҳои марговар дорад. Мушкили ташхиси барвақт ҳанӯз ҳалношуда боқӣ мемонад» [8, с. 558]. Ба мубрам будани ин мушкил О.А. Кичерова бо ҳаммуаллифон ишора намуда қайд мекунад, ки "сили СМА миёни ҳамаи шаклҳои осебҳои сили берунишушӣ ҳиссаи нисбии калон дорад ва сарфи назар аз рушду дастрасии усулҳои муосири ташхис (ташхиси радиологӣ, ПСР-и ликвор) ва табобат, як мушкилоти мубраму аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим аст. Сабаби сатҳи баланди маъюбшавӣ ва фавт ҳангоми менингоэнсефаломиелити силӣ бисёр вақт таъхир дар ташхиси клиникӣ мегардад, ки метавонад ба тасвири клиникии ғайрихоси беморӣ, инчунин маълумоти нокифоя доштани натиҷаҳои муоинаи асбобӣ ва иммунологӣ алоқаманд бошад" [57, с. 135].

Қоидатан, «манбаи ибтидоии сили системаи марказии асаб одатан шуш аст» [77, с. 75]. Тибқи маълумоти М.Е. Макогонова ва ҳаммуаллифон, «зуҳуроти магнитӣ-резонансии сили асаб метавонанд ба дигар равандҳои патологии сироятӣ монанд бошад. Томографияи магнитӣ-резонансӣ бо контрастикунонии дохиливаридӣ имкон медиҳад, ки дақиқии ташхиси тафриқавӣ баланд бардошта шуда, равандҳои патологӣ дар муҳлатҳои барвақт ошкор карда шаванд. Ташхис ва тасдиқи осеби мағзи сар дар беморони гирифтори сил муқоисаи тасвири клиникӣ, маълумоти таҳқиқотҳои лабораторӣ, визуализатсияи шуоӣ ва мувофиқи имкон, маълумоти морфологиро талаб мекунад» [77, с. 75].

Далели иловагии мубрамии таҳқиқот душвор боқӣ мондани ташхиси барвақти менингити силӣ ҳатто дар сурати хос будани тасвири клиникӣ аст. Н.В. Корнетова ва ҳаммуаллифон таъкид мекунанд, ки "ташхиси барвақти беморӣ (дар муҳлати то 10 рӯз) дар камтар аз 20% беморон амалӣ шудааст, гарчанде симптомҳои умумӣ дар ҳудуди тасвири клиникии хос буданд" [66, с. 16]. Бино ба маълумоти ин муаллифон, "менингити силӣ метавонад дар ҳолати ҳама гуна шаклҳои сил инкишоф ёбад, аммо бештар бо сили ибтидоӣ ва гематогенӣ бо мавҷҳои такрории бактериемия ба вуҷуд меояд. Асоси патогенетикии паҳншавиро ҳассосияти баланд нисбати МБС, ба ибораи дигар, марҳилаи манфии масуният ташкил медиҳад" [66, с. 18].

Т. Парфенова ва ҳаммуаллифон қайд мекунанд, ки "сабабҳои ташхиси дер ва хусусиятҳои ҷараёни менингоэнсефалитҳои силиро дар кӯдакон дар марҳилаи муосир" таҳлил кардаанд [107, с. 73]. Аз нигоҳи амалӣ муаллифон "зарурати баланд бардоштани ҳушёрии табибони шабакаи умумии табобатӣ; мубрам кардани ҳушёрии фтизиатрӣ дар муассисаҳои умумии тиббӣ ба хотири беҳтар кардани оқибатҳои менингити сил; зарурати сари вақт муайян намудани далели сироятёбӣ бо микобактерияҳои сил, ба кор бурдани усулҳои ташхиси этиологӣ, аз ҷумла реаксияи занҷири полимеразӣ ва Bactec ва дар сурати гумонбар шудан аз менингити силӣ фавран таъин кардани доруҳои зидди сил"-ро таъкид намуданд [107, с. 73].

Ҳамин тариқ, аҳаммияти иҷтимоии беморӣ, маълумоти нокофӣ оид ба сабабҳои дер ошкор шудани менингитҳои силӣ ва талаботи омузиши хусусиятҳои ташхис ва самаранокии муолиҷаи онҳо зарурати гузаронидани таҳқиқоти мазкурро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок менамояд.

Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омузиш. Дар Тоҷикистон самаранокии ташхис, ташхиси тафриқавӣ ва табобати беморони гирифтори менингити силӣ бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҷанбаҳои зикршуда ба қатори масъалаҳое дохил мешаванд, ки то ҳанӯз ҳалли худро пайдо накардаанд, ки боиси дар натиҷаи ташхиси дермонда ва табобати бесамар зери хавфи фавт мондани бисёр беморон мегардад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқот дар доираи иҷрои мавзуи илмии кафедраи фтизиопулмонологияи МДТ “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида шуда, ҳамчунин бо «Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» робита дорад (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2021, №49 тасдиқ карда шудааст).

Тавсифи умумии таҳқиқот

Мақсади таҳқиқот. Омухтани сохтори шаклҳои клиникӣ, самаранокии ташхис ва муолиҷаи беморони гирифтори менингити силӣ вобаста ба ҳассосияти доругии онҳо ба доруҳои зиддисилӣ дар марҳилаи беморхонавӣ ва таҳияи маҷмуи тадбирҳо оид ба пешгирии иллатҳои мазкур дар шароити кунунии эпидемиологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вазифаҳои таҳқиқот:

1. Муайян кардани сохтори шаклҳои клиникӣ ва самаранокии усулҳои гуногуни ташхиси тафриқавии беморони гирифтори менингити силӣ ва оризаҳои онҳо.

2. Омухтани самаранокии муолиҷа бо реҷаҳои гуногуни химиотерапия барои беморони гирифтори менингити силӣ ва оризаҳои он вобаста ба спектри тобоварӣ ба доруҳо.

3. Таҳия намудани маҷмуи тадбирҳо оид ба самаранокии ошкорнамоӣ ва муолиҷаи менингити силӣ ва оризаҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот. Дар давоми солҳои 2017-2023 ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина» (МД "ММБСШ ва ҶҚС") ҳамагӣ 167 бемор бо ташхиси “менингити силӣ” ворид гардида буданд. Беморон аз манотиқи гуногуни кишвар буданд, вале бештари онҳо аз дигар статсионарҳои неврологӣ ё сироятӣ интиқол шуданд.

Ҳангоми воридшавии беморон манзараи клиникии менингити силӣ аз шакли клиникии осеби силӣ ба мағзи сар ва ҳароммағз вобаста буд. Дар клиника беморон аз усулҳои клиникӣ-лаборатории ташхису таҳқиқ, аз ҷумла аз усулҳои молекулавӣ-генетикӣ ва ситологӣ, радиологӣ (рентгени рақамии тафсирии узвҳои қафаси сина), томографияи компютерӣ, ташхиси ултрасадо (ТУС), томографияи компютерӣ (ТК), томографияи магнитию резонансӣ (ТМР), ТМР бо контрастикунонӣ ва пунксияи камарӣ гузаронида шуданд. Ба беморони гирифтори менингити силӣ дар шароити статсионари силӣ ҳар ҳафта бо мақсади ташхис ва мониторинги муолиҷа пунксияи камарӣ ва баъдан ташхиси лаборатории моеи ҳароммағз (GeneXpert MBT/Rif, Xpert MBT/Rif Ultra, Xpert MBT/Rif MDR ва таҳлили ситологӣ) гузаронида шуд. Ҳангоми ташхиси моеи ҳароммағз ҳамчунин динамикаи лейкотситҳо, сатҳи сафеда ва қанд ба назар гирифта шуд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот. Омузиши муқоисавии самаранокии усулҳои гуногуни ташхис ва муолиҷаи беморони гирифтори шаклҳои ба доруҳо ҳассос ва ба доруҳо тобовари менингити силӣ ва оризаҳои онҳо.

Навгонии илмии таҳқиқот. Бори аввал дар маводди мушоҳидаҳои статсионарӣ дар МД "Маркази миллии сил, пулмонология ва ҷарроҳии қафаси сина" сохтори эпидемиологии менингити силӣ ва мушкилоти марбут ба он дар минтақаҳои ҷудогонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф ёфтааст. Дар таҳқиқот хусусиятҳои кунунии тасдиқнамоии ташхиси "менингити силӣ", аз ҷумла арзёбии клиникии ҷараёни оризадори беморӣ ифшо карда шудаанд. Бори аввал таҳқиқоти муқоисавии натиҷаҳои табобати беморони гирифтори менингити

силӣ бо оризаҳои он, бо назардошти ҳассосияти доругӣ ба доруҳои зидди сил ва реҷаи химиотерапияи татбиқшаванда гузаронида шуд.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Дар диссертатсия илман исбот шудааст, ки аксар вақт менингити силӣ дар беморони дучори паҳншавии раванди сил, беморони гирифтори шакли аввалияи БС ҳангоми бемории сили пошхӯрдаи шушҳо ва сили милиарии шушҳо, ба осеби ҳам мағзи сар ва ҳам ҳароммағз ҳамбаста аст, ки ҳангоми ошкоркунӣ ва муолиҷа таваҷҷуҳи бештарро талаб мекунанд. Инчунин муайян карда шуд, ки самаранокии муолиҷаи беморони гирифтори иллати силии мағзи сар ва ҳароммағз, дар баробари оғози барвақти муолиҷа, аз спектри ҳассосияти доругии онҳо ба ДЗС низ вобаста аст. Бори аввал маҷмуи чорабиниҳое таҳия карда шуд, ки ба паст кардани фавтнокии беморони гирифтори менингити силӣ ва оризаҳои онҳо тавассути ошкоркунӣ ва муолиҷаи барвақтии беморон дар шароити имрӯзаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1.Дар байни беморони гирифтори менингити силӣ ва оризаҳои онҳо бештар беморон аз вилояти Хатлон, баъд аз ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) ва шаҳри Душанбе мушоҳида шуданд.

2. Иллати алоҳидаи СМА танҳо дар 8,4% беморони гирифтори менингити силӣ ва оризаҳои онҳо рух медиҳад.

3. Самаранокии муолиҷаи беморони гирифтори менингити силӣ ва оризаҳои он аз спектри ҳассосияти доругии микобактрияҳои БС ба ДЗС ва намуди химиотерапия вобастагӣ дорад.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар асоси таҳқиқи илмӣ ба барномаи омузиши табибон дар курсҳои тахассусгирии аввалия ва бозомузии такрорӣ дар заминаи кафедраи фтизиопулмонологияи МДТ “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ворид карда шудаанд, инчунин дар амалияи ҳаррӯзаи табибон дар МД “Маркази миллии бемориҳои

сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина”-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ карда мешавад. Хулосаву тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои омӯзиши беморшавӣ, фарогирӣ бо муоина ва табобати беморони гирифтори намудҳои гуногуни клиникии бемории менингитҳои силӣ, таҳия карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси Фтизиатрия - 3.1.16: банди 1. Патогенези БС, омузиши хосиятҳои барангезандаи микобактерияи БС, таъсири мутақобилаи барангезандаи БС бо организми бемор, усулҳои муайян кардани микобактерияи БС, тағйиротҳои иммунологӣ, генетикӣ, патоморфологӣ, биохимиявӣ, патофизиологӣ дар организми бемор дар раванди беморӣ ва табобат; банди 2. Аломатҳои клиникии бемории сили узвҳои нафаскашии кӯдакон, наврасон ва калонсолон, ихтилоли функсияҳои узвҳои нафаскашӣ ва дигар узву системаҳо ҳангоми БС, БС бо бемориҳои ҳамроҳшуда, ташхиси бемории сили узвҳои нафаскашӣ бо истифода аз усулҳои клиникӣ, лабораторӣ, шуоӣ, бронху шушҳо ва дигар усулҳои таҳқиқот, ташхиси тафриқавии бемории сили узвҳои нафаскашӣ ва дигар бемориҳои шушҳо; банди 3. Муайян кардани эпидемиология ва омори БС, ташкили мубориза бар зидди БС, ваксинатсияи зиддисилӣ, муоинаи диспансерии контингентҳои беморони мубтало ба БС, химиопрофилактика, профилактикаи санитарии БС, ташхиси шуоӣ, ташхиси туберкулинӣ, ташхиси бактериологӣ ва молекулярӣ-генетикӣ дар муайян кардани БС, эпидемиологияи БС дар шароити тағйирёбанда, омузиши маҳзани сирояти сил ва роҳҳои сироятёбӣ, баҳамсирояткунии БС аз одамон ва ҳайвонот, шаклҳои нави чорабиниҳои зиддисилӣ ва корҳои санаторӣ, ҳисоботҳои оморӣ ва коркарди маълумотҳои оморӣ мутобиқ аст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Аз тарафи муаллиф тафсири илмии 290 сарчашмаи адабиёти илмӣ гузаронида шудааст. Бо иштироки шахсии

ӯ дар клиникаи МД «Маркази миллии беморихои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина» дар давоми солҳои 2017 – 2023 дар маҷмуъ 167 бемор баррасӣ карда шуд, аз тарафи унвонҷӯй маҷмуи усулҳои ташхисӣ (клиникӣ, радиологӣ ва лабораторӣ), инчунин пунксияи камарӣ дар динамикаи муолиҷа гузаронида шуд. Таҳти назорати шахсии унвонҷӯй ҳамаи беморон вобаста ба спектри ҳассосияти доругӣ курси пурраи муолиҷа тавассути ДЗС-ро гирифтанд. Ҳаҷми асосӣ ва ҳалкунандаи кор мустақилона анҷом дода шуда, як қатор навовариҳоро дар бар мегирад, ки саҳми шахсии муаллифро дар илм нишон медиҳанд. Навиштани тамоми бобҳои рисола, таҳияи ҳадафу вазифаҳо, муқаррароти барои дифоъ пешниҳодшуда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ аз ҷониби унвонҷӯй шахсан иҷро карда шудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои зерин пешниҳод ва муҳокима шудаанд: Конференсияи XXVIII-уми солонаи илмӣ-амалӣ (бо иштироки байналмилалӣ) “Тамоюли муосири илм ва амалия дар соҳаи тандурустӣ” -и МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (7 октябри с. 2022, Душанбе); Конференсияи XXIX-уми солонаи илмӣ-амалӣ (бо иштироки байналмилалӣ) “Ҳамгироии технологияҳои муосир дар илм ва таҳсилоти тиббӣ - асоси тайёрнамоии кадрҳои муосири соҳаи тандурустӣ”, МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (27 октябри с. 2023, Душанбе); Симпозиуми 10-уми минтақавӣ оид ба масъалаҳои табобати бемории сил дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ «Пешрафти илмӣ: ҳалли мушкилоти бемории сили ба доруҳо устувор дар дасти худи мо аст» (3-4 майи с. 2023, Душанбе); Конференсияи XIX илмӣ-амалии олимон ва донишҷӯёни ҷавон (бо иштироки байналмилалӣ) «Ҷавонон ва навовариҳои тиббӣ: эҷоди оянда - имрӯз» МДТ «Донишгоҳи давлатии тибии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» (3 майи с. 2024, Душанбе); Конференсияи илмию амалии 72-юми солона «Уфуқҳои нав дар илм, таҳсилот ва амалияи тиб» (бо иштироки байналмилалӣ) бахшида ба 85-солагии МДТ «Донишгоҳи давлатии тибии

Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» (1 ноябри с. 2024, Душанбе); Конференсияи XXX солонаи илмӣ-амалӣ (бо иштироки байналмилалӣ) «Илм ва таҳсилоти тиббӣ - аз анъана ба инноватсияҳо», МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (11 октябри с.2024, Душанбе); Конференсияи IV-уми солонаи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Стратегияи рушди илми тиббӣ-иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҷриба, мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо", МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» (18-19 октябри с. 2024, Душанбе).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Дар асоси маводи диссертатсия 19 таълифоти чопӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 фишурда ва 2 дастурамали методӣ ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Маводи диссертатсия дар 189 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шуда, аз инҳо иборат аст: рӯйхати ихтисораҳо, аломатҳои шартӣ, номгӯйи ихтисораҳои доруҳои зиддисилӣ, муқаддима, боби 1 «Тавсифи умумии таҳқиқот оид ба патогенези инкишоф, зуҳуроти клиникӣ, ташхис ва муолиҷаи шаклҳои ба доруҳои зиддисилӣ ҳассос ва тобовари менингоэнсефаломиелити силӣ (шарҳи адабиёт)», ки 3 зербобро дар бар мегирад: «Хусусиятҳои клиникӣ, эпидемиологӣ ва патогенетикии инкишофи менингити силӣ ва миелит»; «Ташхиси менингоэнсефаломиелити силӣ, муайян кардани M. tuberculosis ва спектри тобоварии он ба доруҳои зиддисилӣ дар моеи ҳароммағз»; «Муолиҷаи шаклҳои ба доруҳо ҳассос ва тобовари менингоэнсефаломиелити силӣ»; боби 2 «Мавод ва методҳои таҳқиқот»; боби 3 «Хусусиятҳои демографию клиникии беморон ва самаранокии ташхиси онҳо. Хусусиятҳои демографӣ ва клиникии беморон. Самаранокии ташхиси тафриқавии менингити силӣ ва оризаҳои онҳо»; боби 4 «Самаранокии муолиҷаи беморони гирифтори менингитҳои силӣ»; боби 5 «Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот»; хулосаҳо; тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот; рӯйхати адабиёт; интишорот дар мавзуи диссертатсия; замимаҳо. Ба диссертатсия 28 ҷадвал ва 8 расм дохил карда шудаанд. Рӯйхати адабиёти

истифодашуда 290 сарчашмаи адабиёти илмиро дар бар мегирад, ки 186-тоаш ба забони русӣ ва 104-тоаш ба забони англисӣ мебошанд. Рӯйхати интишороти унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия ҳамчунин замима карда мешавад.

Тавсифи умумии таҳқиқот

Мавод ва методҳои таҳқиқот. Ба таҳқиқоти зерин ҳамаи 167 бемори гирифтори МС, ки дар давоми солҳои 2017–2023 дар МД «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина» табобат гирифтаанд, дохил карда шуданд.

Дар клиника ба беморон барои верификатсияи ташхиси менингити силӣ ва шаклҳои клиникии он усулҳои клиникӣ ва лабораторӣ, аз ҷумла генетикии молекулавӣ, бактериологӣ ва ситологӣ, радиологӣ (рентгенографияи рақамии шушҳо, ТК-и шушҳо, ТК-и мағзи сар, ТМР ва ТМР бо контрастикунонӣ аз рӯйи нишондодҳо), ташхисҳои функсионалӣ (ТУС, ЭКГ) гузаронида шуданд.

Дар байни бемороне, ки мо мушоҳида кардем, шаклҳои зерини клиникии менингити силӣ дарёфт шуданд: 127 бемори (76%) гирифтори менингити силӣ ва давомнокии беморӣ то 2 ҳафта; 26 бемори (16%) гирифтори менингоэнсефалити силӣ бо ҷараёни шадиди торпидӣ дар баробари мавҷудияти аломатҳои манбаъвӣ ва давомнокии беморӣ то 3 ҳафта; 14 бемори (8%) гирифтори миелити силӣ бо ҷараёни шадиди атипикӣ бо ихтилоли узвҳои коси хурд, парез ё фалаҷи дасту пойҳо ва давомнокии беморӣ то 1 моҳ.

Коркарди омории маълумоти бадаст овардашуда дар компютери шахсӣ бо истифода аз барномаи «Software Rstudio, version 4.3.2» анҷом дода шуд. Баробарии тақсимоти беморон бо усули Шапиро -Вилк (Shapiro-Wilk) бо назардошти он, ки шумораи беморон дар зергурущщо аз 50 каманд, санҷида шудааст. Барои муқоисаи нишондиҳандаҳои мушоҳидашуда дар маълумотҳои категориалӣ бо гипотезаи нулӣ χ^2 (chi-squared test) ва p -қимат (p-value) истифода шудааст. Гуруҳҳо ва зергуруҳҳо байни худ бо таносуби эҳтимолият (ТЭ), фосилаи эътимодии 95% (95% ФЭ), p -қимат муқоиса карда шудаанд. Тафовутҳои байни гурӯҳҳо ҳангоми $p<0,05$ аз ҷиҳати оморӣ муҳим ҳисобида

шуданд. Ҳангоми шумораи ками мушоҳида меъёри дақиқи Фишер (дар n<5) истифода шудааст.

Дар ҳамаи беморони дар таҳқиқот иштирокдошта натиҷаҳои табобат ва хусусиятҳои мушоҳидаҳои динамикии ҷараёни беморӣ муқоиса карда шуданд. Дар сурати мавҷудияти нишондодҳои клиникӣ беморонро иловатан мутахассисони соҳаи маҳдуд муоина мекарданд.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои таҳқиқот ҳамаи намунаҳои интихобшуда ба ду гурӯҳ тақсим карда шуданд. Дар 100 нафар аз 167 бемор ташхиси клиникии ниҳоии "менингити силӣ бо МБС-и ба доруҳо ҳассос" (МС-ДҲ) муқаррар карда шуд. Ба 67 бемори дигар "менингити силӣ бо МБС-и ба доруҳо тобовар" (МС-ДТ) ташхис карда шуд.

Ҷадвали 1. Сохтори маводи таҳқиқот

Гурӯҳҳо	Зергурӯҳҳо	Навъи Муолиҷа	Шумораи беморон	Муҳлати тозашавии моеъи ҳароммағз	Натиҷаи муолиҷа	P
Гурӯҳи I	Зергурӯҳи I	ДЗС-и инфузионии қатори аввал гирифтанд	40	Аз 30 то 56 рӯзи марҳилаи шиддатноки муолиҷа	Тозашавии пурра дар ҳамаи 40 беморон мушоҳида карда шуд (100,0%)	
	Зергурӯҳи II	ДЗС-и ҳаби қатори аввал гирифтанд	60	Аз 45 рӯз то 2 моҳи марҳилаи шиддатноки муолиҷа	Тозашавии моеъи ҳароммағз дар 54 нафар бемор мушоҳида карда шуд (90,0%)	p1= 0.0783
					Дар 6 нафар бемор самараи муолиҷа дида нашуд, фавт (10,0%)	
Гурӯҳҳо II	Зергурӯҳи III	Реҷаи муолиҷаро барои ТД беморон гирифтанд	56	Аз 50 рӯз то 3 моҳи	Тозашавии моеъи ҳароммағз дар 50 нафар бемор мушоҳида карда шуд (89,0%)	p2= 0.0392
					Дар 6 нафар бемор самараи муолиҷа дида нашуд, фавт (11,0%)	
	Зергурӯҳи IV	Реҷаи муолиҷаро барои ТВД беморон гирифтанд	11	Аз 2 моҳ то 4 моҳ	Тозашавии моеъи ҳароммағз дар 7 нафар бемор мушоҳида карда шуд (64,0%)	p3 = 0.0013
					Дар 4 нафар бемор самараи муолиҷа дида нашуд, фавт (36,0%)	

Аз 167 бемори гирифтори МС дар моеи ҳароммағз микобактерияҳои БС бо истифода аз усулҳои молекулярӣ-генетикӣ Xpert MTB/RIF дар 125 нафар (75%) ошкор, дар 42 нафар (25%) бо усули ситологӣ тасдиқ карда шуд. Аз 125 ҳолати ошкоркардаи МБС, 25 (20%) бемор тобоварӣ ба рифампитсин ва изониазид ва 100 нафари боқимонда ҳассосӣ ба рифампитсин ва изониазид нишон доданд.

Бемороне, ки мо мушоҳида кардем, аз ноҳияҳои зерини мамлакат ба МД "ММБСШ ва ҶҚС" дохил шуданд: шаҳри Душанбе – 40 (24,0%) бемор, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) – 52 (31,1%) бемор ва вилояти Хатлон – 75 (44,9%) бемор.




Ҳангоми воридшавӣ аломатҳои осеби моддаи мағзи сар (менингоэнсефалит) дар ҳар як бемори 2-юми гирифтори МС ба қайд расид, ки ин аз дер ошкор шудани раванди силӣ шаҳодат медиҳад. Дар аксари беморон - 153 бемор (92%) МС дуюмдараҷа буд, 14 нафар (8%) гирифтори МС-и аввалия буданд. Бояд тазаккур дод, ки 13 бемор (8%) гирифтори ВНМО буданд.

Пеш аз дохил шудан ба муассисаи зиддисилӣ 47 нафар (28%) дар беморхонаи сироятӣ, 78 нафар (47%) дар Маркази миллии тиббии ҶТ «Шифобахш» бистарӣ шуда буданд, пас аз тасдиқи ташхис ҳамаи беморон интиқол дода шуданд ва зери назорати силшинос (менинголог) дар МД «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина» табобат гирифтанд. 42 нафари боқимонда (25%) аз дигар муассисаю ноҳияҳо ба клиникаи мо ворид шудаанд. Барои муайян кардани хусусиятҳои ҷараёни МС тавсифи тиббию иҷтимоӣ ва клиникӣ-эпидемиологӣ омухта шуда, маълумоти таҳқиқоти лабораторӣ ва инструменталӣ: таҳқиқоти бактериологӣ (бактериоскопияи моеи ҳароммағз ва балғам), молекулавӣ-генетикӣ – GeneXpert MBT/Rif, Xpert MBT/Rif Ultra, Xpert MBT/Rif XDR ва тести Ҳайн (ликвор), нейро-визуализатсионӣ (рентгенографияи тафсирӣ ва ТК-и узвҳои қафаси сина) таҳлил карда шуданд. Иловатан, натиҷаҳои таҳқиқоти нейровизуализатсионӣ, инчунин рентгенографияи тафсирӣ ва томографияи компютерии узвҳои қафаси сина ба назар гирифта мешуданд.

Ҳангоми гузаронидани ТК, МРТ ва МРТ-и майнаи сар бо контрастикунонӣ мувофиқи нишондодҳои клиникӣ тағйироти ошкоршуда бештар ба осебрасонии силии системаи марказии асаб мувофиқат мекарданд. Менингити силӣ дар 127 (76%) бемор, менингоэнсефалити силӣ дар 26 (16%), миелити силӣ дар 14 (8%) бемор ташхис карда шуд. Ғайр аз ин, туберкулёмаи ҳароммағз дар 4 бемор, абсесси ҳароммағз дар 2, миелити кӯндаланг дар 4 ва осеби илтиҳобии ҳароммағз дар 4 бемори дигар ошкор карда шуданд. Дар 18 бемор таҳқиқи рентгенологии мағзи сар бинобар ҳолати ниҳоят вазнин, аз ҷумла сопор ва кома, гузаронида нашуд. Дар 149 нафари боқимонда бо мақсади ташхис ТМР-и мағзи сар – дар 54 (32%) бемор, ТК-и мағзи сар – дар 115 (69%) бемор анҷом дода шуданд. Дар 23 (14%) бемор ТМР бо контрастикунонии дохиливаридии мағзи сар, дар 9 (5%) бемор ТМР бо контрастикунонии дохиливаридии ҳароммағз, дар 109 (65%) бемор ташхиси ТК-и шушҳо ва дар 167 бемор рентгенографияи шушҳо истифода шудааст.

Верификатсияи ташхис бо истифода аз таҳқиқотҳои клиникӣ-рентгенологӣ ва лабораторӣ гузаронида шуд, ки аломатҳои зеринро тасдиқ карданд: сили пошхӯрдаи шушҳо - дар 78 нафар (47%), сили иртишоҳии шушҳо - дар 63 нафар (38%), сили фиброзӣ-кавернозии шушҳо - дар 12 нафар (7%), иллати ҷудогонаи системаи асаби марказӣ - дар 14 нафар (8%). Аз 167 бемори гирифтори менингити силӣ 12 нафар (7%) мубталои илтиҳоби пардаҳои шуш буданд. Дар 19 (11%) бемор сили устухон ва пайвандҳо ҷойгиршавиашон гуногун, дар 64 нафар (38%) иллати лимфагиреҳҳои дохили қафаси сина ба мушоҳида расид.

Тибқи маълумоти мо, яке аз аломатҳои хостарини менингит ҳангоми ТМР бо контрастикунонии дохиливаридӣ ғафсшавӣ ва зиёдшавии контрасти пардаҳои нарми мағзҳо буд. Ин тағйирот бештар дар систернаҳои базалӣ ошкор карда шуданд (расми 1).

***Расми 1**. Тасвири Т1-муаллақ бо тақвияи контрастӣ. Бо тирчаҳои зард ғафсшавии диффузии пардаи нарми мағзӣ ва ғуншавии моддаи контрастӣ дар ноҳияи систернаҳои базалии майнаи сар ишора шудаанд.*

Барои менингоэнсефалит афзоиши сигнали МР дар реҷаҳои Т2IP ва FLAIR, инчунин ғуншавии нобаробари маводи контрастӣ дар пардаҳои ғафсшудаи майнаи сар ва моддаи мағзи сар хос буд. Дар мавриди туберкулёма манзараи МР бештар бо тақвияи контрастии гиреҳӣ ва/ё ҳалқашакл тавсиф мешуд, ки ба манбаъҳои гиреҳии осеби мағзи сар мувофиқат мекунад.

Тақсимоти гендерии беморони гирифтори МС чунин буд: 90 зан (54%) ва 77 мард (46%). Дар 100 нафар (60%) бемории сил ҳассосияти доругӣ дошт, дар 67 нафар (40%) сили ба доруҳо тобовар қайд шуд, аз инҳо дар 2% (4) хуруҷи такрории беморӣ ба назар расид. Бояд гуфт, ки дар байни занон 7% (6) ҳомиладор буданд.

Дар ҳамаи 167 бемор тағйироти муайяншуда ба шаклҳои клиникии иллати силии мағзи сар мувофиқ буданд. 54 бемор (32,3%) аз ташхиси ТМР гузаронида шуданд: дар 23 нафар (14%) ТМР бо контрастикунонии мағзи сар, дар 9 нафар (5%) ТМР бо контрастикунонии ҳароммағз иҷро гардид. Дар 115 нафар (69%) ТК-и мағзи сар, дар 109 нафар (65%) ТК шушҳо гузаронида шуд. Дар ҳамаи 167 бемор (100%) инчунин рентгенографияи рақамии қафаси сина анҷом дода шуд.

Мувофиқи маълумоти мо, ҳангоми ТМР пас аз контрастикунонии дохиливаридӣ аломати маъмултарини менингит ғафсшавии пардаҳои мағзӣ бо тақвияи контрастӣ буд. Ин тағйиротҳо аксар вақт дар систернаҳои базалӣ муайян карда мешуданд. Барои абсесси мағзи сар, баръакс, ғуншавии ҳалқашакли маводи контрастӣ қад-қади канораҳои манбаъ бештар хос аст.

Самаранокии табобат дар 167 бемори гирифтори сили системаи асаб бо ҷойгиршавии гуногун дар асоси маҷмуи маълумоти клиникӣ-асбобӣ ва лабораторӣ арзёбӣ карда шуд. Ба таҳлил натиҷаҳои рентгенографияи рақамии узвҳои қафаси сина, томографияи компютерии шуш, ТМР-и мағзи сар, ТМР-и мағзи сар бо тақвияи контрастӣ, ТМР-и ҳароммағз бо контрастикунонӣ, таҳқиқи

ситологии моеи ҳароммағз, инчунин маълумоти мушоҳидаи динамикии раванди беморӣ дохил карда шуданд.

Мо омузиши муқоисавии табобати инфузиониро бо доруҳои зиддисилӣ бо истифода аз доруҳои зиддисилӣ дар шакли ҳаб вобаста ба спектри ҳассосияти микобактерияҳои сил дар беморони гирифтори менингитҳои силӣ анҷом додем.

Маводҳои муоина ва табобати 167 бемори гирифтори менингити силӣ, ки аз соли 2017 то 2023 дар Маркази миллии сил, пулмонология ва ҷарроҳии узвҳои қафаси сина табобати статсионарӣ гирифтаанд, таҳлил карда шуданд.

Мувофиқи нақшаи интихобшудаи табобат беморон ба 2 гурӯҳ дар асоси ҳассосияти дорувории барангезанда ба доруҳои зидди сил тақсим карда шуданд: 1. Бемороне, ки табобатро бо реҷаи 1 вобаста ба спектри ҳасоссият ба ДЗС-и қатори аввал гирифтанд; 2. Бемороне, ки табобатро бо реҷаи 2 вобаста ба спектри ҳасоссият ба ДЗС-и қатори дуюм гирифтанд.

Беморони ҳарду гурӯҳ ба 4 зергурӯҳ тақсим карда шуданд: ба зергурӯҳи якум (40 бемор) табобати инфузионии вобаста ба спектри ҳасоссият бо ДЗС-и қатори якум таъин карда шуд. Зергурӯҳи дуюм (60 бемор) ДЗС-и қатори якумро дар шакли ҳаб вобаста ба спектри ҳасоссият гирифтанд. Ба беморони зергурӯҳи сеюм (56 бемор) реҷаи табобат барои беморони гирифтори шакли ДТ вобаста ба спектри ҳасоссият ба ДЗС таъин карда шуд. Дар зергурӯҳи чорум (11 бемор) беморон барои ТВД вобаста ба спектри ҳасоссият ба ДЗС табобат гирифтанд. Тестҳои химиотерапия дар асоси натиҷаҳои ташхиси ситологии моеи ҳароммағз гузаронида шуданд. Марҳилаи муолиҷаи интенсивӣ дар беморони гирифтори менингитҳои силӣ бо назардошти вазнинии беморӣ ва бо назардошти таҳқиқи ситологии моеи ҳароммағз пеш аз тозашавии он то 4 моҳ дароз карда шуд.

Табобат бо ДЗС дар шакли ҳаб мувофиқи реҷаи стандартии 12-моҳаи аз ҷониби ТУТ тавсияшуда, ки изониазид, рифампитсин, этамбутол ва пиразинамидро дар бар мегирад, мувофиқ буд: 4 моҳи аввал давраи табобати шиддатнок ва 8 моҳи иловагӣ давраи ёрирасонро ташкил медоданд (4HRZE/8HR). Дар рафти табобат доруҳо дар вояи мутаносиб ба вазни бемор таъин карда мешуданд.

Муолиҷаи инфузионӣ дар беморон бо МС, ки ҳассосияташро ба доруҳои зидди сил нигоҳ медошт, изониазидро бо вояи 10 мг/кг дохиливаридӣ ва рифампитсинро бо миқдори 10 мг/кг дар якҷоягӣ бо 250 мл маҳлули 5%-и глюкоза ё 250 мл маҳлули 0,9%-и намак дар бар мегирифт. Пиразинамид бо миқдори 20-30 мг/кг дар шакли ҳаб бо истеъмоли даҳонӣ, этамбутол бо миқдори 15-25 мг/кг пас аз ҳал кардан дар оби нӯшокӣ таъин карда мешуданд.

Нақша инчунин дексаметазонро бо миқдори 12 мг/рӯз ва кислотаи атсетилсалитсилро бо миқдори 1 г/рӯз дар бар мегирифт. Барои пешгирии аксуламалҳои номатлуб иловатан витамини В6 дохилимушакӣ бо миқдори 100-125 мг 30 дақиқа пас аз тазриқ ворид карда мешуд. Давомнокии миёнаи курси пурраи табобат дар ин гурӯҳ 12 моҳро ташкил медод.

Менингити силии ба дору тобовар дар 67 аз 167 бемор ташхис шудааст, ки 40,1%-и шумораи умумии намунаҳои интихобшударо ташкил дод. Ҳамаи ин ҳолатҳо ба зергурӯҳҳои III ва IV тасниф карда шуданд. Табобати инфузионӣ барои беморони гирифтори МС-ТД-и зергурӯҳи III аз спектри ҳассосият ба ДЗС вобаста буд ва чунин буд: левофлоксатсин (750-1000 мг/рӯз) дар якҷоягӣ бо канамитсин (15-20 мг/кг), ҳабҳои линезолид (600 мг/рӯз), пиразинамид (20-30 мг/кг), табобати иловагӣ бо дексаметазон (12 мг/рӯз) ва кислотаи атсетилсалитсилӣ (1 г/рӯз) ба таври қатрагӣ дар вояи 100 мл маҳлули 5% декстроза, оҳиста-оҳиста дар давоми 90 дақиқа ворид карда мешуданд, этионамид (500-750 мг/рӯз) дар оби нӯшокӣ ҳал карда шуда, даҳонӣ дода шудааст. Витамини В6 ба дохили мушак бо вояи 100–125 мг 30 дақиқа пас аз тазриқ ворид карда мешуд. Давомнокии табобат дар ин ҳолатҳо ба ҳисоби миёна то 18-20 моҳ давом кард. Табобати беморони зергурӯҳи IV ҳамон доруҳоро дар бар мегирифт, ба истиснои фторхинолонҳо, ки вобаста ба спектри ҳассосият ба доруҳо таъин карда мешаванд.

Дар зергурӯҳи якуми беморони гирифтори менингити силӣ бо ҳассосияти нигоҳдошташуда ба доруҳои зидди сил, ки муолиҷаи инфузиониро бо доруҳои қатори аввал гирифтанд, покшавии моеи ҳароммағз дар давраи аз рӯзи 30 то 56-

уми табобати интенсивӣ оғоз меёфт. Дар ҳамаи 40 нафар беморон (100 %) тозашавии пурраи моеи ҳароммағз мушоҳида карда шуд.

Дар зергурӯҳи дуюми беморони гирифтори менингитҳои силӣ бо ҳассосияти нигоҳдошташуда ба ДЗС, ки ДЗС-и қатори якумро ҳаббӣ гирифтаанд, тозашавии моеи ҳароммағз аз рӯзи 45-ум то моҳи 2-юм қайд гардид. Аз 60 бемор дар 54 нафар (90%) тозашавии пурраи моеи ҳароммағз ба мушоҳида расид, дар 6 ҳолат (10,0%) самаранокии муолиҷа номусоид арзёбӣ гардид ва бо фавт анҷомид.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастомада самаранокии бештари химиотерапияи инфузионии зиддисилиро нисбат ба истифодаи ҳаббии ДЗС нишон медиҳанд.

Дар зергурӯҳи сеюми гирифтори МС-ТД дар 50 бемор (89%) аз 56 нафар самаранокии табобат мусбат арзёбӣ шудааст, дар 6 бемор таъсири табобат номусоид арзёбӣ гардида, фавт (11%) муқаррар шудааст.

Дар зергурӯҳи IV, ки аз беморони гирифтори МС-ТВД иборат буд, табобати самаранок дар 7 нафар аз 11 бемор (64%) ба мушоҳида расид ва дар 4 нафар (36%) марганҷомӣ ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамин тариқ, самаранокии умумии муолиҷа дар ҳамаи 4 зергурӯҳи беморон 90,4% ҳолатро (151 бемор) ташкил дод, фавт дар 9,6% ҳолатҳо (16 бемор) ба қайд гирифта шуд. Натиҷаҳои бадастомада самаранокии бештари химиотерапияи зиддисилиро нисбат ба истифодаи ҳабҳо нишон медиҳанд, ки шумораи рӯз-катҳоро дар беморхона кам мекунад.

Мо инчунин самаранокии бештарро дар беморони гирифтори МС-и ба доруҳо ҳассос муайян кардем, ки самаранокии табобатро аз спектри ҳассосияти доругии беморони гирифтори МС инъикос мекунад.

Вобаста ба ташхиси радиологии рентгении рақамии шушҳо чунин натиҷаҳо ба даст оварда шуд: дар асоси ташхиси рентгении рақамии шушҳои 167 бемор (100%) дар 78 бемор (47%) тағйироти силии пошхӯрдаи шушҳо мушоҳида шуд. Самаранокии табобат: ба пуррагӣ бартараф шудани сили пошхӯрдаи шушҳо дар 71 бемор (91%), қисман бартараф шудани он дар 6 бемор

(9%) қайд гардид. Дар 63 (38%) бемор сили иртишоҳии шушҳо мушоҳида шуд, самаранокии табобат бо пурра бартараф шудани иллати шушҳо дар 51 бемор (81%), қисман бартараф шудани он дар 9 бемор (14%), бартараф нашудани он дар 3 бемор (5%) арзёбӣ гардид. Дар 12 (7%) беморе, ки сили фиброзӣ–кавернозии шушҳо доштанд, самаранокии табобат бо пурра бартараф шудани манбаъ дар 3 бемор (25%), қисман бартараф шудани он дар 6 бемор (50%), бартараф нашудани он дар 3 бемор (25%) ба қайд расид. Дар 14 бемор (8%) дар натиҷаи ташхиси рентгении рақамии шушҳо тағйироти патологӣ мушоҳида нашуд.

Вобаста ба ташхиси радиологии томографияи компютерии (ТК) шушҳо чунин натиҷаҳо ба даст омад: ҳангоми ташхиси шушҳо тавассути ТК, ки дар 109 нафар бемор (65%) гузаронида шуд, дар 78 бемор (72%) тағйироти силии пошхӯрдаи шушҳо мушоҳида шуд. Самаранокии табобат: пурра бартараф шудани сили пошхӯрдаи шушҳо дар 71 бемор (91%), қисман бартараф шудани он дар 7 бемор (9%) қайд гардид. Дар 63 бемор (58%) сили иртишоҳии шушҳо мушоҳида шуда буд, самаранокии табобат бо пурра бартараф шудани иллати шушҳо дар 51 бемор (81%), қисман бартараф шудан дар 9 бемор (14%), бартараф нашудан дар 3 бемор (5%) муайян карда шуд. Дар 12 бемор (11%) бо сили фиброзӣ-кавернозии шуш самаранокии табобат дар асоси дараҷаи бартарафсозии манбаи сироят арзёбӣ карда шуд. Бартарафсозии пурра дар 3 бемор (25%), бартарафсозии қисмӣ дар 6 (50%) ба даст омад, бартараф нашудан дар 3 бемор (25%) боқӣ мемонд.

Сили гиреҳҳои лимфавии дохили сина дар 64 бемор (38%) ташхис карда шуд. Дар ин гурӯҳ бартарафсозии пурраи манбаъ дар 48 бемор (29%), бартарафсозии қисмӣ дар 12 (7%), бартараф нашудан дар 4 бемор (2%) ба қайд гирифта шуд.

Тибқи маълумоти ТК-и узвҳои қафаси сина илтиҳоби плевра дар 14 бемор (13%) ошкор карда шуд. Бартарафсозии пурраи манбаъ дар 9 бемор (64%), бартарафсозии қисмӣ дар 4 (29%), бартараф нашудан дар 1 бемор (7%) ба қайд

расид. Дар 14 бемор (13%), тағйиротҳои патологӣ дар ТК-и шушҳо муайян карда нашуданд.

Вобаста ба ташхиси майнаи сар тавассути ТК натиҷаҳои зайл ба даст оварда шуданд. Ҳангоми ташхиси майнаи сар, ки дар 115 нафар бемор (69%) гузаронида шуд, дар 16 бемор (14%) тағйироти ҳосилаи ҳаҷмии майнаи сар ошкор карда шуд. Самаранокии табобат дар асоси динамикаи ташкилаи ҳаҷмнок арзёбӣ карда шуд. Бартарафшавии пурра дар 7 бемор (44%), қисмӣ дар 3 бемор (19%) қайд гардид ва дар 6 бемор (37%) динамикаи мусбат мушоҳида нашуд. Аз 7 беморе, ки дар онҳо ҳосилаи ҳаҷмии майнаи сар дар асоси ТК-и майнаи сар дарёфт гардида буд, дар 4 нафар усули ҷарроҳии бартараф намудани ҳосилаи ҳаҷмии майнаи сар татбиқ шуд, ки 25%-ро ташкил медиҳад.

Дар 21 бемор (18%), ки гидросефалияи омехта доштанд, самаранокии табобат дар асоси натиҷаҳои зерин арзёбӣ гардид: пурра бартараф шудани гидросефалияи омехта - дар 9 бемор (43%), қисман бартараф шудан - дар 8 бемор (38%), бартараф нашудан - дар 4 бемор (19%).


Бо назардошти шакли клиникии беморӣ ва ҷойгиршавии манбаи аввалияи сил беморон ба ду гурӯҳ тақсим карда шуданд. Гурӯҳи аввал беморонеро фаро мегирифт, ки манбаи асосии раванди силӣ дар шуши онҳо воқеъ буд: 78 бемор бо сили паҳншудаи шуш, 63 бемор бо сили паҳншудаи шуш ва 12 бемор бо сили фиброзӣ-кавернозии шуш. Гурӯҳи дуюм аз беморони гирифтори сили паҳншудаи берунишушӣ иборат буд. Ба он 19 бемор бо сили устухону пайвандҳо, 12 бемор бо плеврит, 64 бемор (39%) бо сили гиреҳҳои лимфавии дохилисинагӣ ва 4 бемор бо осебҳои силии минтақаи шикам, ғадудҳои периферии гардан ва бо перикардит дохил карда шуданд, ки аз сабаби шумораи ками мушоҳидаҳо ба як категория муттаҳид карда шуда буданд.

Арзёбии самаранокии табобат нишон дод, ки сили пошхӯрдаи шушҳо аз 78 бемор дар 71 нафар (91%) пурра ва дар 6 нафар (9%) қисман бартараф шуд. Сили иртишоҳии шушҳо дар 63 бемор ташхис шуд, ки аз рӯйи ҷойгиршавии манбаъ ба ду гурӯҳ тақсим карда шуданд. Сили иртишоҳии яктарафаи шушҳоро 41 бемор (27%) дошт. Самаранокии табобат дар гурӯҳи мазкур бо тақсимоти

зерини натиҷаҳо тавсиф карда шуд: бартарафсозии пурраи раванди патологӣ дар 33 бемор (80%), регрессияи қисмӣ дар 6 (15%) ва набудани натиҷаи мусбат дар 2 бемор (5%) ба қайд гирифта шуд. Сили дутарафаи шуш дар 22 бемор (14%) ошкор карда шуд. Дар ин зергурӯҳ бартарафшавии пурраи тағйироти манбаъвӣ дар 16 бемор (73%), бартарафшавии қисмӣ дар 5 (23%) ва бартараф нашудан дар 1 бемор (4%) ба қайд расид.

Шаклҳои клиникии сили ғайришушӣ дар динамикаи тағйироти клиникии натиҷаи самаранокии муолиҷа нишон дод, ки сили устухон ва пайвандҳо дар 19 бемор: бо пуррагӣ бартараф шуда – дар 14 бемор (76,0%), қисман бартараф шуда – дар 5 бемор (26,0%) мушоҳида шуд. Натиҷаи самаранокии муолиҷаи илтиҳоби пардаҳои шуш дар 12 бемор: бо пуррагӣ бартараф шуда – дар 7 бемор (58,0%), қисман бартараф шуда – дар 5 бемор (42,0%) мушоҳида шуд. Натиҷаи самаранокии муолиҷаи сили ғадудҳои дохили қафаси сина 64 бемор (38,0%): бо пуррагӣ бартараф шуда – дар 48 бемор (29,0%), қисман бартараф шуда -дар 12 бемор (7,0%), бартараф нашуд 4 бемор (2,0%) мушоҳида шуд. Натиҷаи самаранокии муолиҷаи сили шикам, ғадудҳои канории гардан, перикардит, ки умуми 4 бемор мебошад: бо пурраги бартараф шуда – дар 3 бемор (75,0%), қисман бартараф шуда – дар 1 бемор (25,0%) мушоҳида шуд.

Расми 2. Натиҷаҳои муолиҷаи беморон аз рӯйи зергурӯҳҳо



Тақсимоти беморон вобаста ба зергурӯҳҳо, шумораи беморон, шумораи рӯзҳо, фавт ва натиҷаи самаранокии табобат вобаста ба спектри ҳасосият ва тобоварӣ ба доруҳо дар расми 2 оварда шудааст.

Ҳамин тариқ, самаранокии муолиҷаи беморони гирифтори менингитҳои силӣ вобаста ба спектри ҳассосияти доруӣ, тобоварии доруӣ ва навъи химиотерапия чунин натиҷа дод: менингитҳои силии нисбат ба доруҳо ҳассос 94 аз 100 бемор (94,0%), менингитҳои силии нисбат ба доруҳо тобовар 57 аз 67 бемор (85,0%), фавт умуми 16 нафар (10%).

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон доданд, ки менингити силӣ ва шаклҳои мураккаби осеби силии системаи асаби марказӣ дар шароити клиникӣ бо гуногунрангии зуҳуроти беморӣ ва вазнинии ҳолати беморон тавсиф мешаванд. Аз 167 бемори ба таҳқиқот воридшуда дар 127 нафар (76,0%) менингити силӣ, дар 26 нафар (16,0%) менингоэнсефалити силӣ ва дар 14 нафар (8,0%) миелити силӣ муайян гардид. Чунин сохтор нишон медиҳад, ки қисми асосии беморон ҳангоми бистаришавӣ аллакай аломатҳои осеби пардаҳои мағзи сар доштанд, дар қисми дигар бошад, раванди беморӣ ба моддаи мағзи сар ё ҳароммағз паҳн гардида буд. Аз нуқтаи назари амалӣ ин ҳолат зарурати баланд бардоштани ҳушёрии табибони муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, беморхонаҳои сироятӣ ва неврологиро нисбат ба аломатҳои барвақтии менингити силӣ тасдиқ менамояд.

Таҳлили синну солӣ нишон дод, ки аксарияти беморон ба синни қобили меҳнат рост меоянд: дар синни 11–24 сола 68 нафар (40,7%), 25–34 сола 50 нафар (29,9%), 35–44 сола 33 нафар (19,8%) ва аз 45-сола боло 16 нафар (9,6%) буданд. Аз ин рӯ, оқибатҳои менингити силӣ танҳо аҳамияти клиникӣ надошта, балки аҳамияти иҷтимоӣ низ доранд, зеро беморӣ асосан гурӯҳҳои синну солии аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъолро фаро мегирад. Дар сохтори гендерӣ 90 нафар (54,0%) зан ва 77 нафар (46,0%) мард буданд. Ин таносуб фарқияти хеле калонро нишон намедиҳад ва бори дигар собит месозад, ки ҳангоми мавҷуд будани омилҳои хавф ва раванди фаъоли силӣ эҳтимоли осеби системаи асаби марказӣ барои ҳар ду ҷинс аҳамияти клиникӣ дорад.

Аз нуқтаи назари татбиқи амалӣ, натиҷаҳои таҳқиқот зарурати ҳамкории зичи силшиносон, асабшиносон, сироятшиносон, радиологҳо ва мутахассисони лабораториро нишон медиҳанд. Беморе, ки бо дарди сар, табларза, қайкунӣ,

аломатҳои менингеалӣ ё тағйироти шуур дар заминаи бемории сил ё гумони он муроҷиат мекунад, бояд ҳамчун бемори дорои хавфи осеби системаи асаби марказӣ арзёбӣ гардад. Ҳангоми тасдиқи ташхис таъхир дар оғози муолиҷа метавонад ба вазниншавии раванди неврологӣ ва натиҷаи номусоид оварда расонад. Аз ин рӯ, ташкили дурусти масиркунонии беморон аз муассисаҳои умумитиббӣ ба маркази махсусгардонидашуда ва идомаи муолиҷа бо назорати клиникӣ ва лабораторӣ яке аз самтҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии ёрии тиббӣ мебошад.

ХУЛОСАҲО

1. Дар сохтори клиникии осеби силии системаи марказии асаб дар 167 бемори таҳқиқшуда менингити силӣ дар 127 нафар (76,0%), менингоэнсефалити силӣ дар 26 нафар (16,0%) ва миелити силӣ дар 14 нафар (8,0%) ба қайд гирифта шуд. Дар байни 14 ҳолати осеби ҳароммағз 2 ҳолати туберкулёма, 2 ҳолати думмал, 6 ҳолати миелити трансверсивӣ ва 4 ҳолати илтиҳоби ҳароммағз муайян карда шуданд [1-М, 2-М, 3-М, 6-М, 8-М, 9-М, 14-М, 15-М, 16-М, 17-М].

